# Тақризи

**роҳбари илмӣ ба диссертатсияи Маҳмудов Муҳаммадҷон Абдулаҳадович дар мавзуи “Бозтоби масоили иҷтимоӣ ва ахлоқӣ дар ҳикояи муосири тоҷик (дар мисоли ҳикояи давраи истиқлол)” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.04 - Таърихи адабиёт, равобити адабӣ**

Омӯзиш ва таҳқиқи ҷомеу фарогири масоили марбут ба адабиёти давраи истиқлол, хосса анвои наср, аз ҷумлаи мавзуъҳои муҳим ва мубрами адабиётшиносии муосир маҳсуб мeёбад. Илова бар ин, чунин пажуҳишҳои муҳиму фарогир барои таълифи таърихи воқеӣ ва илмии адабиёти тоҷикии давраи истиқлол замина фароҳам месозад. Аз тарафи дигар, ба таҳқиқ гирифтани анвои ҳикоя, ки аз жанрҳои фаъоли наср ба шумор меравад, муҳиммияти мавзуи диссертатсияи М.Маҳмудовро бозгӯ месозад, чунки ҳикоя дар баробари жанри фаъол будан, инчунин бозгӯкунандаи равандҳои асосии наср, тамоилҳои ҳунарӣ ва сабкии он мебошад. Ин ва дигар нуктаҳои муҳимми марбут ба муҳиммияти мавзуъ, навгонӣ ва ҷанбаҳои назарию амалии онро диссертант дар муқаддимаи таҳқиқотии худ ба таври муфассал таъкид менамояд. Дар маҷмуъ, диссертатсияи М.Маҳмудов дар се бобу шаш фасл бо фарогири муқаддима, хулоса, китобнома дар 185 саҳифа таҳия гардидааст.

Дар боби якуми диссертатсия М.Маҳмудов манзараи умумии ташаккули ин навъи насрро вобаста ба тамоилҳои инкишоф ва мактабҳои адабию ҳунарӣ баррасӣ менамояд. Муаллиф заминаҳои шаклгирии ҳикояи реалистиро дар адабиёти тоҷикии садаи ХХ, давраҳои қаблии инкишофи наср, хоса насри маорифпарварию равшангарӣ ҷустуҷӯ мекунад, ки он мантиқан дуруст мебошад, зеро дар адабиёт ягон падидаи тоза бидуни суннатҳои устувори адабӣ арзи ҳастӣ намекунад. Дар ду фасли боби мазкур диссертант равандҳои инкишофи ҳикояи реалистиро дар насри муосири тоҷикӣ марҳала ба марҳала баррасӣ намуда, қонунмандиҳои инкишофи ин навъи насрро асосан дуруст муайян месозад. Тавассути таҳлили фарогири ҳикоёти устодони насри муосир С.Айнӣ, С. Улуғзода, Р.Ҷалил, Ҳ.Карим, Ф.Муҳаммадиев ва дигарон масири инкишофи ҳикояи реалистӣ ҳам аз нигоҳи мазмун ва ҳам аз лиҳози шакл ғановат ёфтани он равшан карда мешавад. Дар диссертатсия дар радифи суннатҳои адабии миллӣ, инчунин, нақши осори нависандагони бузурги рус ва халқҳои дигари ҷаҳон дар рушди анвои насри реалистӣ ва хоса ҳикояи тоҷикӣ таъкид мешавад. Воқеан,

навизандагони тоҷик дар нимаи аввали садаи XX бо истифода аз таҷрибаи адабии миллӣ ва ҷаҳонӣ дар насри муосир анвои ҳикояи реалистиро инкишоф доданд, ки он дар ташаккули тамоилҳои асосии насри тоҷикии садаи XX нақши муҳим гузошт.

Дар боби дуюми диссертатсия муҳаққиқ масъалаи инкишофи ҳикояро дар насри давраи истиқлол ба таҳқиқ мегирад. Вай тавассути таҳлилҳои қиёсию фарогир таъкид менамояд, ки бисёре аз қолабҳои ҳикояи реалистии садаи XX дар адабиёти давраи истиқлол бо ғановатҳои қолиби шаклию мазмунӣ идома ёфтанд. Навизандагони насли солҳои шастум, ки дар замони мо ҳам машғули эҷоди ҳикоя ҳастанд, беҳтарин анъанаҳои ҳикояпардозии П.Толис ва Ф.Муҳаммадиевро идома дода, дар ғановати адабию ҳунарии насри тоҷикии давраи истиқлол саҳми худро мегузаранд. Ҳикояҳои Сорбон, Кӯҳзод, А.Самад, К. Мирзоев ва дигарон далели равшани инкишофи назарраси анвои ҳикоя дар насри имрӯза мебошад. Ин навизандагон дар ҳикоёти худ бештар ба масоили иҷтимоӣ ва ахлоқӣ, ки дар замони мо хеле мубрам гардид, таваҷҷуҳи хосса зоҳир менамоянд. Дар диссертатсия таъкид мешавад, ки аксари ҳикоянавизони муосир дар таҳқиқи бадеии мавзуъҳои доғи рӯзгори ҳамзамонон, ба хазинаи маърифати ҳазорсолаи миллӣ такя менамоянд, ки ин аз ҳар ҷиҳат муҳим ва ҷолиб аст.

Масоили марбути хасоиси адабию бадеӣ ва ҳунарии ҳикояи давраи истиқлол дар боби сеюми диссертатсияи М.Маҳмудов мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Дар фасли аввали ин боб, диссертант таваҷҷуҳи аҳли таҳқиқро ба ҷустуҷӯҳои ҳунарӣ ва шеваҳои нигориши навизандагони муосир дар анвои ҳикоя ҷалб менамояд. Вай таъкид менамояд, ки бисёре аз навҷӯӣ ва навгароии ҳикоянавизони муосир дар заминаи мавзуъ ва мазмуну муаммоҳои мавриди назари муаллифон сурат мегирад, ки он табиӣ ҳам мебошад. Воқеан, кашфиётҳои адабию эҷодии П.Толис ва Ф.Муҳаммадиев дар эҷодиёти Сорбон, Кӯҳзод, К. Мирзоев, С. Турсун, А.Самад, Ҷ.Акобир, Б.Фирӯз ва дигарон идома ёфта, масири ояндаи инкишофи анвои ҳикояи реалистиро дар марҳалаҳои баъдии инкишофи адабиёт муайян намуд. Имрӯз ин навъи наср дар эҷодиёти аксари навизандагони бузургсолу ҷавон мавқеи калон дорад. Махсусан, дар баёну тасвири масоили иҷтимоию ахлоқӣ аксари навизандагон аз жанри ҳикоя кор мегиранд, ки ин мантиқӣ мебошад.

Баъди солҳои ҳаштоди садаи XX ва хосса, дар замони истиқлол бо ибтикори нависандагони навгарое, мисли Баҳманёр, С.Раҳим, М.Солеҳ, Ҷ.Акобиров, М.Сайдар, Ю.Юсуфӣ ва дигарон анвои ҳикоя дар адабиёти муосири тоҷиқ ҳам аз нигоҳи масоили жанрӣ ва ҳам аз нигоҳи мазмуну муҳтаво ба таҳаввулоти назаррас дучор омад. Муҳимтарин фазилатҳои мазмунӣ ва шаклии ҳикояи нависандагони номбурда дар фасли дуюми боби сеюми диссертатсияи М.Маҳмудов мавриди таҳқиқ қарор мегирад. Диссертант бо таҳлилҳои муфассал ва доманадори анвои ҳикояи имрӯз собит менамояд, ки дар адабиёти давраи истиқлол дар заминаи тасвири мавзуъҳои муосир жанри ҳикоя таҳаввул пазируфта, ба марҳаллаи дигари инкишоф ворид гардид, ки намунаҳои онро мо дар эҷодиёти Сорбон, Кӯҳзод, А.Самад, К. Мирзоев, С. Турсун, А.Самад, Ҷ.Акобир, Б.Фирӯз, С.Раҳим, Ю.Юсуфӣ ва дигарон зиёд дучор мегардем.

Хулосаҳо ва натиҷагириҳои диссертант дар заминаи таҳлилу баррасиҳои мушаххас ва қобили эътимод сурат гирифтааст. Аз ин ҷиҳат, натоиҷи пажуҳиши мазкур дорои аҳамияти муҳимми назарӣ ва амалӣ мебошад.

Дар маҷмуъ ба ҳайси роҳбари илмӣ диссертатсияи М.Маҳмудов “Бозтоби масоили иҷтимоӣ ва ахлоқӣ дар ҳикояи муосири тоҷик (дар мисоли ҳикояи давраи истиқлол)”-ро таҳқиқоти комилу фарогир ва анҷомёфта ҳисобида, онро барои дифоъ тавсия менамоем.

**Доктори илми филология,**
**профессор, мудири кафедраи**
**назария ва таърихи адабиёти**
**ДДОТ ба номи С.Айнӣ** **Солеҳов Ш. А.**

**Имзои Ш.А. Солеҳовро тасдиқ мекунам:**
**Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои**
**махсуси Донишгоҳи давлатии омӯзгории**
**Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ** **Мустафозода А.**

**Нишонӣ: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,**
**шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121**
**Тел: 987-65-00-43, E-mail: soleh59@mail.ru**
14.05.2022